***Шиносоӣ бо рафти озмоиши низоми баҳогузории бисёрхола дар Литсейи хусусии Раҳнамо (муассисаи озмоишӣ) бо роҳбарии муовини сардори раёсати Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи А.Ҷомии АТТ Имомназаров Д. ва кормандони раёсат ходими пешбари илмӣ Б.Бӯриев ва ходими калони илмӣ Ҳакимова Б.***

Имрӯз кормандони Раёсати ташхис ва тақризи Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи А.Ҷомии АТТ бо роҳбарии муовини сардори раёсат Имомназаров Д.ва кормандони раёсат ходими пешбари илмӣ Б.Бӯриев ва ходими калони илмӣ Ҳакимова Б.ба муассисаи озмоишӣ Литсейи хусусии Раҳнамо бо мақсади шиносоӣ бо рафти озмоиши низоми баҳогузории бисёрхола ташриф оварда, бо роҳбарияти муассиса ва омӯзгорон вохӯрӣ гузарониданд.

Дар рафти шиносоӣ мушкилоти татбиқ бо омӯзгорони фаннӣ муҳокима гардид. Ба роҳбарият ва омӯзгорон дар татбиқи низоми бисёрхола маслиҳатҳои мушаххас пешниҳод гардиданд. Таҷрибаи чандсолаи муассиса дар озмоиш ва татбиқи низоми бисёрхола минбаъд низ аз тарафи кормандони раёсат мавриди омӯзиш,таҳлил ва натиҷагирӣ қарор дода мешавад.









